**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба рисолаи илмии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. -Душанбе, 2026. – 195 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022, №95/шд ва 25.10.2024, №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба яке аз мавзуҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, таҳлилӣ он аз нуқтаи назари илмию амалӣ мубрам арзёбӣ мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки моҳиятан амнияти иттилоотӣ бо худ амалияи пешгирии дастрасии ғайриқонунӣ, истифода, ошкор, таҳрир, тағйирдиҳӣ, таҳқиқот, сабт ё нобудсозии иттилоотро ифода менамояд. Вазифаи асосии амнияти иттилоотӣ аз ҳифз намудани махфият, ягонагӣ ва дастрасии маълумот, бо назардошти мақсадҳои истифодабарӣ ва бе расонидани зарар ба манфиати ягон кишвар иборат аст. Дар асри XXI рушди назарраси технология ва густариши воситаҳои иттилоотӣ дар баробари омилҳои мусбат барои як қатор соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа мушкилот низ эҷод менамояд, ки ҳалли саривақтии онҳо ба манфиати ҳамагон аст. Ин раванд ба содиршавии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот сабаб гардида, шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионии интернет на танҳо барои ташкил ва содир кардани ин кирдор, балки барои баланд бардоштани сатҳи касбии ҷинояткорон мусоидат менамояд. Зеро дар фурсати кӯтоҳтарин миқдори зиёди иттилооти дорои хусусиятҳои барои ҷамъият хавфнок дар шабакаи интернет паҳн шуда, фазои иттилоотии муосир имкон фароҳам меорад, ки муҳити мусоиди созгор ба ҷинояткорӣ дар фазои иттилоотӣ ба миён ояд.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки барои он ки фазои иттилоотӣ ҳам барои соҳаҳои гуногуни давлатӣ ва ҳам барои тамоми ҷомеа бехатар боқӣ

монад, тахияи маҷмуи чораҳои муҳофизатӣ, ки ба муқовимат бо ин кирдори барои ҷамъият хавфнок равона шудаанд, зарур ҳисобида мешавад. Тадбирҳои мазкур бояд ба баланд бардоштани зиракии мақомоти давлатӣ дар муносибат ба истифодаи маълумотҳои шахсӣ ва таҳияи як қатор чораҳои амнияти рақамӣ, ки барои ҷомеа мутобиқ карда шудааст, асос ёфта бошанд. Муҳаққиқ хулосабарорӣ менамояд, ки то миёнаҳои асри XXI захираҳои иттилоотӣ ба сарвати миллӣ табдил меёбанд ва самаранокии истифодаи онҳо қудрати иқтисодии кишварро дар маҷмуъ бештар муайян карда, ин гуна ҷиноят ба амияти миллии ҳар як давлат таҳдид мекунад. Дар баробари ин вусъати истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо проблемаҳои техникӣ, балки проблемаҳои ҳуқуқиро ба миён овард. Ин масъала, ки барои қонунгузории ватанӣ нав аст, дар айни замон ҳалли пурраи худро пайдо накардааст ва бо иттилоотикунонии ҷомеа, он торафт тезу тундтар мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки аз ҷиҳати, тарзҳои содир намудан ва рӯпӯш кардани ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот хусусиятҳои муайян доранд, аз ҷумла бо дараҷаи баландтарини таъхирнопазир ва паст будани ошкоршавӣ хос мебошанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ дорад, балки барои такмил додани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ва таъмини амнияти иттилооти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дар доираи он бори аввал дар илм ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» аз дидгоҳи назариявӣ, қонунгузорӣ ва консепсияю барномаҳои давлатӣ ба таври ҳамаҷониба ва мукаммал таҳқиқ шудааст.

Исозода Файзиддин Исо, дар заминаи анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ бо овардани маҷмӯи таҳлилҳо тавонистааст дараҷаи навгонии таҳқиқоти мазкурро нишон дода ба ин васила нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро бо овардани далелҳои асосноку раднопазир манзур намудааст.

Таҳқиқоти мазкур дар шароити рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, таҳқиқоти бунёдӣ ва заминавӣ маҳсуб ёфта, барои рушди қонунгузорӣ дар ин самт ва таъмини амнияти иттилоотӣ, заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар доираи таҳқиқот бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ рушди қонунгузории ҷиноятии миллӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятӣ ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, инчунин

таҷрибаи муқоисавии давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиши муфассал ва системавӣ қарор дода шудаанд.

Дар заминаи ин таҳқиқот як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод карда шудааст, аз ҷумла муаллиф бо дарназардошти пажуҳиши кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ зарурияти ворид намудани меъёри алоҳидаро дар мазмуни зерин зарур мешуморад:

Моддаи 301 (1). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо.

Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, тавассути шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонионҳо, ки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ ва косташавии арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ мегардад (саҳ. 72-73 диссертатсия).

Воқеанҳам қисми зиёди кирдорҳои барои ҷамъият хавфноке, ки ба воситаи шабакаи ҷаҳонии иттилоотию коммуникатсионии электронӣ содир мегарданд, намудҳои муосири кирдорҳои ғайриқонунӣ ифода намегарданд, ҳол он, ки таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити рақамикунонӣ ҷанбаи муҳими таъмини субот, тартиботи ҷамъиятӣ ва соҳибихтиёрии кишвар дар замони технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Рисоланавис исбот кардааст, ки объекти намудии ин ҷиноят танҳо ба як боб маҳдуд шуда наметавонад, вале вақте, ки сухан дар бораи боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» (боби 28 КҶ ҶТ) меравад, боби мазкур танҳо амнияти иттилоотие, ки ба технологияи компютерӣ, системаи компютерӣ ва шабакаҳои компютерӣ равона шудаанд, дар назар дорад. Аз ин рӯ, унвонҷӯ зарур шуморидааст, ки номи боби 28 КҶ ҶТ ба таври зайл муқаррар карда шавад: «Боби 28 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ ва алоқа». Қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала меъёрҳоро дар боби 28 КҶ ҶТ ҷой дода, самти муайян кардани объекти намудии ин ҷиноятҳоро - ҷиноятҳоеро, ки ба муносибатҳо дар соҳаи муомилоти ғайриқонунӣ бо маълумоти компютерӣ халал мерасонанд, муқаррар кардааст (саҳ. 162-163 диссертатсия).

Дигар натиҷаҳои муҳими навгонии диссертатсия дар он ифода ёфтааст, ки ҷиҳати ҳифзи ҳарчӣ бештари иттилоот ва ҷоннок кардани таъмини амнияти иттилоотӣ дар заминаи ташаккули бесобиқаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод мегардад, ки ба боби 20 «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи алоқа ва истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ»-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёре пешбинӣ карда шавад, ки ҷавобгарии маъмуриро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, ки боиси расонидани

зарари ҷиддӣ намегардад, муқаррар намояд. Инчунин зарур аст, ки барои такроран содир кардани ин кирдор дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ ё расонидани заррар ба миқдори калон муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ифодаи худро ёфтаанд, аз асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешбинишуда шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон, муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Унвонҷӯ барои асоснокии хулосаҳо аз манбаъҳои муътамади илмӣ, аз ҷумла осори донишмандони ватаниву хориҷӣ, ҳамчунин заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда, қонунгузории амалкунандаи кишварҳои минтақа ва санадҳои меъёрии байналмилалӣ истифода намудааст. Бо такя ба ин манбаъҳо, ҳар як тавсия дорои асоси назариявӣ ва ҳуқуқӣ буда, ҷанбаҳои амалӣ низ қобили татбиқ мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳо ҳамчунин бо истифодаи таҷрибаи воқеӣ таъмин гардидааст. Муаллиф таҳлилҳои худро бо мисолҳои мушаххас ва маълумоти ҳуқуқӣ собит намудааст, ки ин равиш имконият додааст, ки тавсияҳо хислати воқеан амалиро соҳиб шаванд ва барои қонунэҷодкунӣ ва такмили низоми қонунгузорӣ истифода гарданд. Барои таҳкими эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада аз методҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ ва эмпирикӣ, аз ҷумла методҳои таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ, системавӣ, таҳқиқи оморӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ ба таври васеъ истифода гардидааст.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дорои асоснокии муътамади илмӣ буда, барои истифода дар амалияи қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти судию тафтишӣ ва дар раванди таҳқиқоти минбаъда мувофиқ ва қобили татбиқ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар раванди минбаъдаи омӯзиш ва таҳлили мавзӯъ, тавсеаи мубориза бар зидди ин ҷиноят, навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дар ҷараёни таълим мавриди истифода қарор дода шавад. Таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, тафсир ва татбиқи ҳуқуқӣ дар соҳаи

мазкур аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд. Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дастовардҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар доктринаҳои нав баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ, махсусан дар низоми омодасозӣ ва бозомӯзию такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи муқовимат бо ин кирдори барои ҷамъият хавфнок метавонад муфид бошад. Хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самтҳои зерин истифода гарданд: такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқие, ки мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ танзим мекунад; истифода дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ, аз ҷумла ҳангоми омода намудани Қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи якхелаи қонунгузории ҷиноятӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор шудаанд. Ин нашрияҳо саҳми муассир ва дастгирии равандҳои илмии таҳқиқоти мазкурро таъмин менамоянд. Маврид ба зикри хос аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 1 майи соли 2025, №264) тасдиқ гардидааст, пурра мувофиқат мекунад. Ин ба он ишора мекунад, ки муаллиф тамоми меъёрҳои расмӣ ва ҳуқуқиро риоя намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли илмӣ ва эътирофшуда ба табъ расонидааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумиаш 195 саҳифаро ташкил медиҳад, ки дар он масалаҳои мавриди таҳқиқ қарордошта ба низом ва пайдарпайи бо риоя намудани усулҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуи таҳқиқот дар заминаи таҳлили вазъи воқеии ҷомеа ва талаботи амалии мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда шарҳ дода шуда, қайд гардидааст, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ҳамчун яке аз мушкилоти ҷиддӣ ва

нигаронкунандаи ҷаҳони муосир боқӣ мемонад. Дар робита ба ин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур бо назардошти мушкилоти мавҷуда муайян гардида, объект ва предмети таҳқиқ ба таври мушаххас ва равшан нишон дода шудаанд. Ҳамчунин, ҷанбаҳои муҳим ва фарққкунандаи ин таҳқиқот аз дигар таҳқиқотҳо ба таври возеҳ таъкид гардида, навгонии илмии натиҷаҳои бадастовардашуда ва аҳаммияти амалии онҳо дар такмили қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ ва тафтишӣ нишон дода шудааст. Бо ин тартиб, муқаддима аҳамияти махсус ва зарурати таҳқиқи мавзуи мазкурро ба таври пурра ва мантиқӣ асоснок менамояд.

Дар боби якум **«Таҳлили таърихӣ - муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот»**, рисоланавис ба он таваҷуҳ зоҳир менамояд, ки дар ҷаҳони муосир масъалаҳои таъмини амнияти фазои иттилоотӣ аз ҳамагуна ҳамлаҳои киберӣ, бахусус тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба танзим даровардани ин самти ҳаётан муҳим, аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ имрӯз ҳеҷ қудрати ҷаҳонӣ ва ҳеҷ давлати алоҳидае нест, ки тавонад бо ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содиршаванда ба танҳоӣ мубориза барад. Зеро ин падидаи манҳус аз марзи ҳамаи кишварҳо фаротар рафтаву оламро фаро гирифтааст ва кишваре нест, ки аз хатари он эмин бошад. Дар ин боби таҳқиқот муаллиф таърихи ташаккул ва таҳаввули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба таври ҳамаҷониба ва мукаммал таҳлил намудааст. Дар ин замина марҳилаҳои асосии рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ин ҷиноят муайян шуда, омилҳо ва заминаҳое, ки зарурати пешбинии ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин навъи кирдор ба вуҷуд овардаанд, ошкор гардидаанд (саҳ. 22-28 диссертатсия).

Дар боби дуюм диссертант **«Аломатҳои объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот»-ро** бо баррасии ҳамаҷонибаи унсурҳои он ба риштаи таҳлил кашидааст. Аз ҷумла, муаллиф масъалаҳои объекти ҷинояти мазкурро муайян намуда, таъкид мекунад, ки объекти ҷиноят ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми содир шудани ҷиноят ба онҳо заррар мерасад. Ба андешаи муаллифи рисола, дар асарҳои олимони муосир ба объекти ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот аҳамияти хеле кам дода мешавад, ки ин дар шароити рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа, давлат ва ҳар як шаҳрванд ғайри қобили қабул аст. Рисоланавис иброз медорад, ки тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютериро худи бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот бо кадом роҳе набошад, ташкил медиҳад. Асос ин, ки меъёрҳои қонунгузорӣ дар ин самт

вайрон шуда бошад ва ба ҷамъият давлат ё шаҳрвандон заррар расидааст (саҳ. 130 диссертатсия).

Дар боби сеюм унвонҷӯ **«Аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот»-ро** таҳқиқ намудааст. Қайд гардидааст, ки субъект дар ин ҷиноят ба истиснои аломатҳои умумӣ дорои аломатҳои махсус ҳам ҳаст, яъне ӯ дониши касбӣ дошта, қасди бевоситаи содир намудани кирдори ғайриқонунӣ дорад. Пажуҳишгар асоснок намудааст, ки тарафи субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ гуноҳ дар шакли қасди бевоситаро ташкил медиҳад. Ҳолатҳои беэҳтиётӣ дар ҷинояти баррасишаванда ҷой дошта наметавонад (саҳ. 145-159 диссертатсия).

Хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз 13 банди аҳамияти назариявӣ дошта ва 4 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқоти мазкур муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳлили амику муқоисавии масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооот, зарурати такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид намудааст. Муаллиф бо мақсади бартараф намудани мушкилоту камбудиҳое, ки дар ҷараёни татбиқи моддаи 301 Кодекси ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, пешниҳодҳои мушаххасу асоснокро ҷиҳати такмили мазмуни ин модда ва равшан сохтани аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур манзур намудааст.

Ҳамин тавр, сохтори диссертатсия мантиқӣ, муназзам ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад, ки ин далели сатҳи баланди иҷрои кори илмӣ ва иҷрои пурраи вазифаҳои гузошташуда мебошад.

**Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия аз рӯйи шакл ва муҳтаво ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Истинодҳо, рӯйхати адабиёт ва нашрияҳо бо риояи меъёрҳои илмӣ тартиб дода шудаанд.

**Автореферат**, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 1 майи соли 2025, №264) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1. Зикр намудан бамаврид аст, ки дар зербоби 1.1-и боби аввали диссертатсия, унвонҷӯ ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба ин кирдор аз соли 1845, оғоз намудааст (саҳ. 24-29 диссертатсия). Чунин усули таҳқиқ аз назари методологӣ махдуд арзёбӣ мегардад, зеро он заминаҳои таърихӣ, ташаккулёбии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро сарфи назар менамояд.

2. Диссертант дар боби сеюми зербоби якуми таҳқиқот субъекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро ба ришта таҳлил кашидааст (саҳ. 132-145 диссертатсия), аммо тавре маълум аст дар назарияи илм ва қонунгузори ҷиноятии давлатҳои хориҷ субъекти ин ҷиноят ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд: давлатҳое, ки ба сифати субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеии мукаллафи ба синну соли муқарраршуда расида, дар баъзан ҳолатҳо субъекти махсус баромад мекунад ва давлатҳое, ки ба сифати субъекти ин ҷиноят дар баробари шахси воқеи ҳамчунон шахсони ҳуқуқиро эътироф мекунанд (аз он ҷумла Дания, Молдавия, Франсия, Шветсия, Эстония ва ғайра). Гарчанде, ки дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъект эътироф намегардад, новобаста аз ин рисоланавис дар ин зербоб таҳқиқи шахси ҳуқуқиро ҳамчун субъекти ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, ба таври зурӯри анҷом надодааст.

3. Аз маълумоти омории пешниҳодкардаи унвонҷӯ маълум мегардад, ки сатҳи содиршавии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Ба таври мисол, агар соли соли 2022 – 42,5%, соли 2023 – 49,05%, нисбат ба соли 2008 зиёд бошад, пас дар соли 2024 – 51%, -ро ташкил медиҳад (саҳ.7-8 диссертатсия). Аммо, новобаста аз зиёдшавии назарраси шумораи ин навъи ҷиноятҳо, муаллиф дар таҳқиқоти худ танҳо 21 парвандаи ҷиноятиро таҳлил намудааст. Ба андешаи мо, чунин шумораи парвандаҳо барои таҳлили мукаммал ва ҳаматарафаи таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ кофӣ нест. Аз ин рӯ, беҳтар мебуд, агар муаллиф барои таҳқиқоти ҳамаҷониба шумораи бештари парвандаҳои марбут ба мавзуъро баррасӣ мекард, то натиҷаҳои таҳқиқот пурратар ва дақиқтар гарданд.

Албатта, эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намегардонад ва ба муҳтавои рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот:

проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 1 майи соли 2025, №264) тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

**Суроғаи муқарриз:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак-2, М-20,
хонаи 4, ҳуҷраи 24 Телефон: (+992) 919643535
E-mail: femida-80@list.ru

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.
«29» январи 2026 с.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нахимов, 64/14
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
Телефон: +992 (37) 231-02-01; E-mail: tgfeu@tgfeu.tj